Ҳар кас, ки муоҳад (кофире, ки бо аҳду паймон дар ватани мусалмонон даромадааст)-ро бикушад, бӯи биҳиштро эҳсос намекунад, ҳарчанд, ки бӯи он аз масофаи чиҳил сол ба машом мерасад

Абдуллоҳ ибни Амр (разияллоҳу анҳумо) аз Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ривоят мекунад, ки ӯ фармуд: "Ҳар кас, ки муоҳад (кофире, ки бо аҳду паймон дар ватани мусалмонон даромадааст)-ро бикушад, бӯи биҳиштро эҳсос намекунад, ҳарчанд, ки бӯи он аз масофаи чиҳил сол ба машом мерасад."
[Саҳеҳ] [رواه البخاري]

Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) таҳдиди сахтеро баён мекунад, ки ҳар ки паймонбастаеро бикушад - яъне кофире, ки бо паймон ва амният ба сарзамини Ислом ворид шудааст - бӯи биҳишт ба машомаш нахоҳад расид, бо вуҷуди он ки бӯи биҳишт аз масофаи чиҳил сол ба машом мерасад.

http://www.sunnah.global/hadeeth/tg/show/64637